# ХУЛОСАИ

**шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ аз 27.12.2025, протоколи №43 барои сазовор донистани Музафаров Ниёзбек Азизович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.**

Диссертатсияи Музафаров Ниёзбек Азизович дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ бо истифода аз технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)) дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.09.2025 таҳти №325/ҳя) 18- уми октябри соли 2025, суратмаҷлиси №4 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Музафаров Ниёзбек Азизович 31- уми майи соли 1986 дар деҳаи Пилдони болои ноҳияи Лахш таваллуд шудааст. Соли 2008 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси математика-информатика хатм кардааст.

Музафаров Ниёзбек Азизович аз соли 2016 унвонҷӯйи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буда, айни ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва

коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мавлоназаров Силмон Силтонназарович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Мирзоев Абдулазиз Раҷабович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Тағоев Шамсулло Хурсандович** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи информатика Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Музафаров Н.А. бо имзои раиси ҷаласа мудири кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ н.и.п., и.в. дотсент Муродализода Р.М., эксперт, н.и.п. и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика Меҳриддинзода Т.М. ва котиби ҷаласа н.и.п. Қаландарова М.С. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ н.и.п., дотсент Сафарзода М.В. аз 23- юми ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгонии илмии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, дараҷаи этимоднокии мавзуъ, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Музафаров Ниёзбек Азизович дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ бо

истифода аз технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)), сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 32 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки 25 ададаш оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола ба нашр расонидааст.

**1.** *Мавлоназаров, С.С.* Истифодаи тахтаи интерактивӣ дар низоми таълим [Матн] /С.С. Мавлоназаров, **Н.А. Музаффаров** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №7. – С. 245-251. – ISSN: 2074-1847.

**2.** ***Музаффаров, Н.А.*** Тарзҳои ҳалли системаҳои ҳисоби мавқей дар раванди таълим [Матн] / Н.А. Музаффаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №8. – С. 325-331. – ISSN 2074-1847.

**3.** ***Музаффаров, Н.А.*** Асосҳои психологӣ ва педагогии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар таҳсилот [Матн] / Н.А. Музаффаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №8. – С. 204-210. – ISSN: 2074-1847.

**4.** ***Музаффаров, Н. А.*** Компютеркунонии мактабҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Музаффаров // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2021. – №1(7). – С. 61-65. – ISSN: 978-99947-0-022-6.

**5.** *Хуҷаев, П. С.* Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар мактаби ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.С. Хуҷаев, **Н.А. Музаффаров** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –

2020. – №8. – С. 324-327. – ISSN: 2074-1847.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Музафаров Ниёзбек Азизович ворид шудаанд:

1. Мирзозода Р.Р. – д.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Доншгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат аст.

2. Наҷмиддиниён А.М. – д.и.ф-м., вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Саидзода И.М. – н.и.тех., дотсент, декани факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Султонҳайдаров Н.Х. – н.и.п., дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

− хосиятҳои шартҳои педагогии воридсозии технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим ва тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, унсурҳои маърифатӣ, ҳавасмандкунӣ ва рафториро дар бар мегиранд. Рушди ин хосиятҳо марҳила ба марҳила дар барномаҳои

таълимии муассисаҳои таҳсилотии умумӣ инъикос мешавад ва муайян карда шудааст.

– фароҳам овардани шароити педагогӣ, асоснокии назариявӣ ва методологии масъалагузорӣ дар ҷараёни зимни истифодаи ТИК дар МТМУ;

– тарҳрезӣ намудан ва озмудани маҷмуи функсионалӣ-таркибии татбиқи ТИК дар раванди таълиму тарбия, ки технологияҳои инноватсионӣ ва шароитҳои педагогиро дар бар мегиранд;

– муайян кардани меъёрҳои педагогӣ, ки барои беҳтар кардани самаранокии раванди ҷорӣ намудани технологияи муосир дар МТМУ зарур мебошанд,;

– муайян намудани азхудкунии меъёрҳои кори эҷодӣ зимни ба роҳ мондани ҷараёни таълим ва тарбия ҳангоми татбиқи ТИК дар рафти дарсҳо аз ҷониби хонандагон;

– таҳия намудани роҳи ташхиси самаранокии шароити ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии таълиму тарбия дар системаи маориф, ки дар ин асос як қатор методҳои фаъол ва навтарини таълим истифода шудаанд;

– методологияи татбиқи технологияи инноватсионии муосир дар ташкили шароити педагогии ҷараёни таълиму тарбия такмил дода шуд, ки он аз маҷмуи шароитҳои педагогӣ иборат аз ҷузъҳои мақсаднок, таркибӣ, фаъолмандона, натиҷаовар ва рефлексивӣ таркиб ёфтаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст: шароитҳои маърифатӣ, шахсӣ ва коммуникатсионии коркардшуда имкониятҳои воқеии густариши шароити педагогии ҷорӣ намудани ТИК – ро дар раванди таълиму тарбияи МТМУ-ҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд. Механизмҳо ва технологияҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити педагогии татбиқи ТИК дар раванди таълиму тарбияи хонандагон МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври таҷрибавӣ дар рафти озмоишҳо ва ҷорӣ карда шуданд.

Маводҳое, ки мавриди коркард қарор гирифтааст, барои такмили бобу фаслҳои фанҳои педагогика ва психология, хусусан дар бобати истифодаи усулҳои муосири таълим ва ВТТ дар замони ҳозира мусоидат намояд. Аз маводи рисола омӯзгорони фанҳои педагогика ва психологияи метавонанд дар МТМУ, донишгоҳҳои педагогӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ, инчунин дар раванди ташкили ҷараёни таълим дар асоси ҷорӣ намудани ТИК дар муассисаҳои таълимӣ, дар кори донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурда шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: тавассути корбасти далелҳои ибтидоии методологӣ, гуногунҷабҳа будани таҳқиқоти таҷрибавӣ, ки ба ҳаҷм, ҳадафҳо, вазифаҳо ва мантиқи он мувофиқанд. Он бо давомнокии кофӣ ва имконияти такрори таҷриба, бо истифодаи маҷмуи усулҳои ба мавзӯи таҳқиқот мувофиқ, омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала, интихоби ҳайати таҷрибашавандаҳо; дар амалия татбиқ намудани тавсияҳои таҳияшуда ва арзёбии мусбати онҳо аз ҷониби хонандагон, омӯзгорон ва падару модарон; аҳаммияти омории маълумоти таҷрибавӣ, мувофиқати таҳлили миқдорӣ ва сифатии онҳо низ тасдиқ карда мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар самти таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти ва ба танзим даровардани онҳо, коркарди натиҷаи мушоҳидаву таҷрибаҳо таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот; омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароитҳои педагогии истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ; муайян кардани шароити педагогӣ ва моҳияти истифодаи технологияи инноватсионӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар МТМУ; пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон доир ба истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбия; гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот саҳми бевосита дорад, зоҳир мегардад.

Дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ аз санаи 27- уми декабри соли 2025 оид ба сазовор донистани Музафаров Ниёзбек Азизович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**

“_27_”___12___ 2025

Ҷ.М.